# *Тақриз*

***ба фишурдаи диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон дар мавзуи «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисоси 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ)***

Диссертатсияи илмии Иброгимова Машҳурахон ба яке аз масоили муҳимми илми забоншиносии муқоисавӣ, яъне ба омӯзиши майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқоти ҷанбаҳои мухталифи забоншиносӣ, аз ҷумла омӯзиши масоили майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар ҳалли масъалаҳои назариявии грамматикаи функсионалӣ басо муҳим аст, зеро воҳидҳои мухталифи забонии ифодакунандаи маънои маконгириро дар ҳамҷоягӣ мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Дар баробари ин, омӯзиши муқоисавии муаммои майдон таваҷҷӯҳи бештари забоншиносонро ба худ мекашад, зеро пажуҳиши падидаҳои гуногуни забонӣ барои ҳалли масъалаҳои муҳимме, ки дар назди забоншиносии муосир истодааст, имкониятҳои иловагӣ фароҳам меоварад.

Пажуҳиши муқоисавии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ воҳидҳои сатҳи морфологӣ, синтаксисӣ ва фразеологиро дар як самт сарҷамъ менамояд.

Навгонии илмии таҳқиқот дар он аст, ки ин ҷо бори нахуст сохтор ва таркиби майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ мавриди пажуҳиши муқоисавӣ қарор гирифта, хусусиятҳои фарқкунанда ва шабеҳи онҳо нишон дода шудаанд.

Аҳаммияти назарии диссертатсия аз он иборат аст, ки омӯзиш дар асоси таҳлили маводи воҳидҳои гуногунсатҳи забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ сурат гирифта, дар таҳқиқот таҳлили сохторӣ ва таркибии майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар ду забони муқоисашаванда оварда

шудааст. Ин муаммо дар забоншиносии тоҷик бори нахуст мавриди пажуҳиши мушаххаси илмӣ қарор гирифта, натиҷаҳои назарии бадастомадаро метавон ҳамчун сарчашмаи боэътимод дар муайян намудани паҳлуҳои мухталифи майдони функсионалӣ-семантикӣ дар забонҳои дигари муқоисашаванда истифода бурд.

Аҳаммияти амалии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки майдони функсионалӣ-семантикӣ дар ифодаи вазифаи амиқи муоширатӣ хеле муҳим буда, он барои аз тарафи омӯзандагони забони англисӣ ба беҳтару хубтар дарк намудани воситаҳои забоние, ки ба муҳити муносибатҳои фазоӣ таллуқ доранд, мусоидат мекунад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, се боб бо зербобҳояш, хулоса ва феҳристи адабиёт иборат буда, ҳамагӣ 172 саҳифаи чопи компутериро ташкил медиҳад.

Дар муқаддима мубрамии мавзуъ, навгонии илмӣ ва дараҷаи омӯзиши он асоснок гардида, мақсад ва вазифаҳои диссертатсия, асосҳои методологӣ, аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот, объект ва манбаъҳои таҳқиқот, робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзуъҳои илмӣ ва нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда муайян шудаанд.

Ҳамаи бобҳои диссертатсия муфассал мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, дар охири ҳар як боб хулосаҳои амиқи илмӣ бароварда шудааст. Хулосаи таҳқиқот дар 11 банд ва истифодаи амалии натиҷаи таҳқиқоти анҷомпазируфта дар 4 қисмат ҷамъбаст гардидаанд.

Тавре ки дар автореферати диссертатсия дарҷ гардидааст, мазмун ва муҳтавои таҳқиқот дар маърузаҳои конфренсияҳои ҳарсолаи илмию назариявии ҳайати профессорону устодони Донишгоҳи давлатии Хуҷанд, конфренсияҳои минтақавӣ, ҷумҳуриявию байналмилалӣ ва мақолаҳои илмии муаллиф, ки дар маҷаллаҳои илмӣ ба чоп расидаанд, инъикос шудааст.

Автореферати диссертатсияи Иброгимова Машҳурахон «Майдони функсионалӣ-семантикии локативӣ дар забонҳои англисӣ ва тоҷикӣ» ба талаботи бандҳои 31-35-и Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ

шудааст, пурра ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯи ихтисоси ихтисос 6D021300-Забоншиносӣ (6D021302 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ) сазовор мебошад.

**Муқарриз:**
номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд: **Қаюмов Ашӯр Абдуқодирович**

**Суроға:**
735699, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
вилояти Суғд, н.Б.Ғафуров, ҷамоати ба номи Ҳ.Усмонов, кӯчаи Ҷ. Илёсов хонаи 35
тел.: (+992) 927155057, (+992) 918 575057
E-mail: kayumov_68@mail.ru

Имзои номзади илмҳои филологӣ, муаллими калони кафедраи забонҳои хориҷии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд А.А. Қаюмовро тасдиқ менамоям.

Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар шаҳри Хуҷанд **Маҳмудов Шаҳзод Усмонҷонович**

"18" 04 2025

**Суроға:**
735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ – 169, www.iet.tj
E-mail: info@iet.tj,
Тел: 83422 6-03-21